«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
_______ и.и.и., дотсент Хайрзода Ш.Қ.
«___» ______________ с. 2019

# НИЗОМНОМАИ

озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин донандаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019» бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ» ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии дахлдор таҳия гардида, ташкил ва гузаронидани Озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин донандаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019» бахшида ба «солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» (минбаъд «Озмун»)-ро танзим менамояд.

## II. МАҚСАДИ ОЗМУН

Ҳадафи Озмун муаррифии ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон барои баланд бардоштани маърифати андозсупорӣ, дастгирии соҳибкорӣ, донишҳои назариявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва тақвият бахшидани ҳисси хештаншиносии донишҷӯён мебошанд.

## III. ИШТИРОКЧИЁНИ ОЗМУН

Дар Озмун метавнонанд донишҷӯён ва магистрантони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳӯрӣ иштирок намоянд.

## IV. МАСЪУЛОНИ БАРГУЗОРИИ ОЗМУН

Барои гузаронидани Озмун Кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон масъул мебошанд ва чунин тадбирҳоро амали менамоянд:

- Дар мӯҳлатҳои муқарраршуда ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳӯрӣ доир ба баргузории Озмун мактуб ирсол намуда, дар васоити ахбори омма эълон медиҳанд ва дар сомонҳои расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳ маълумот ҷойгир менамоянд.
- Маводи Озмунро аз иштирокчиён дастрас намуда, барои баррасӣ ба Комиссияи тадорукотии Озмун омода ва пешниҳод менамоянд.

- Барои баҳодиҳии саволҳои тестӣ ва шифоҳӣ пешниҳоднамудаи иштирокчиёни Озмун, Комиссияи экспертӣ таъсис медиҳанд.

## V. МУҲЛАТ ВА ШАРТҲОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН

Озмун дар ду марҳила гузаронида мешавад. Дар марҳилаи якум (2 декабри соли 2019) ба донишҷуён 20 саволи тестӣ пешниҳод карда мешавад. Барои омода намудани ҷавоб панҷоҳ дақиқа вақт ҷудо карда мешавад. Даҳ нафар иштирокчиёне ғолиб дониста мешаванд, ки ба бештари саволҳо ҷавобҳои дуруст додаанд.

Дар мавриди гирифтани холҳои баробар барои муайян кардани ғолибони Озмун ба онҳо саволҳои тести иловагӣ пешниҳод мегардад.

Саволҳои тестии пешниҳодшуда дар шакли сад хол, яъне ҳар савол панҷ холӣ баҳогузорӣ карда мешавад.

Аз рӯи натиҷаҳои саволҳои тестӣ даҳ нафар доишҷуёни холҳои баландро сазовор гардида ба давраи дуюм, ки санаи 21 декабри соли 2019 бо натиҷагирии мутахассисони арзандаи соҳаи андоз (дар шакли шифоҳӣ) баргузор мегардад, даъват мешаванд.

Ғолибони сазовори ҷойҳои 1,2 ва 3 гардида, бо ифтихорномаҳо ва мукофотпулиҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҳавасманд гардонида мешаванд.

Натиҷаҳои Озмун дар сомонҳои расмии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ҳафтаномаҳои «Молия ва иқтисод» ва «Боҷу хироҷ» нашр карда мешаванд.

## VI. МАВЗӮҲОИ АСОСӢ БАРОИ ТАҲИЯИ САВОЛҲО

Муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии қонунгузории андоз.

## VII. МЕЪЁРИ БАХОДИҲИИ ОЗМУН

Ҳангоми арзёбии ҷавобҳо меъёрҳои зерини баҳодиҳӣ истифода карда мешаванд:

- Мутобиқати ҷавоб ба муқаррароти қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- Пуррагӣ ва саҳеҳии ҷавоб.